***Авазов Ш,** таҳлилгари сиёсӣ*

# ДОДОҶОН АТОВУЛЛОЕВ - ҲАҚИРУ ОВОРА!

Додоҷон Атовуллоев, ки дар Аврупо ҳақиру овора аст ва эҳтимолияти дар танҳоӣ мурданаш меафзояд, вақтҳои охир мисли бемори рӯҳӣ амал дорад ва пайваста давлату миллатро таҳқир мекунад.

Ин рӯзноманигори номуваффақ ва сиёсатмадори ношуд Додоҷони Атовулло худро дар ҷомеа бо худхоҳӣ ва иғвогарӣ муаррифӣ кардааст.

Додоҷони Атовулло кулли террористону экстремистони наҳзатиро хеле хуб медонаду чеҳраи аслии онҳоро дакик мешиносад. Аз ҳама амалҳои пасту зишт ва аблаҳонаю аҳмаконаи онон хуб огоҳӣ дорад, аммо аз аввал ҳамроҳи ҳамонҳо буд ва то имрӯз ишқу алоқа бо ин гурӯҳи террористон дорад.

Додоҷон ба хотири манфиат тамоми арзишҳо, аз ҷумла, меҳану миллатро савдо задааст. Ҳар интикоде мекунад, ҳамагӣ муғризонаю пури туҳмату дуруғанд.

Ҳамеша бо навиштаҳояш мардумро бар мукобили ҳам мешӯронад, то чомеаро ба ҳолати таҳлукаю нобоварӣ расонад. Чун чомеа дар ҳолати бесарусомонӣ афтод, ин тоифа метавонанд, ки тавассути ҳар гуна амалҳои хиёнаткоронаю душманона накшаву ҳадафҳои хоҷагонашонро болои сари мардум таҳмил намоянд. Ва ҳар амалеро, ки пеша мекунанд, комилан бар зидди манфиатҳо ва арзишҳои миллӣ нигаронида шудааст.

Додоҷони Атовулло бо вуҷуди он ки ин ҳамаро ба хубӣ медонаду аз амалҳои муғризона ва хиёнаткоронаашон дар оянда огоҳӣ дорад, бо ин тоифаи палиду паст ва разилу зишт ҳамсафу ҳамсангар аст.

Додоҷон ҳар вақте аз илтифоти саркардаи наҳзат бенасиб монд, мисли саги гушна дум меликонаду аз худ дарак медиҳад. Агар боз ҳам таваҷҷуҳе нашуд, он гоҳ бо ифшокорӣ ва кушодани асрори хиёнаткори наҳзатӣ онҳоро нороҳат менамояд.

Албатта он матолиби оид ба фаъолияти хиёнаткоронаю душманонаи наҳзат ба накшаву ҳадафҳои ноҷавонмардонаи онҳо латма мезананд. Бинобар ин, террористони наҳзатӣ манфиатдор ва хушбин нестанд, ки Д.Атовулло ҳарфашро бигӯяд ва навиштаҳояшро расонаӣ намояд ва уро гоҳ гоҳе бо инъоме хурсанд мекунанд, мисли ин ки пеши саге устухоне мепартоянд.

Додоҷони Атовулло ҳамеша ба касбу пешааш хиёнат мекунад, ба ҳамроҳу ҳамнафасҳо ва ба Ватану миллат хиёнат кардаву мекунад, зеро ин хислати касиф дар ботинаш мавҷуд аст. Бо хиёнаткороне, чун террористони наҳзатӣ ва бистучориҳои экстремист ҳамсафу ҳамсангар мебошад.

https://www.facebook.com/share/p/1BrMVpeMxj/

Авазов Ш, таҳлилгар